Ба Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА- 018-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзӯи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Дар ҷамеаи ҳуқуқбунёд масъалаи ҷавобгарӣ (масъулият) накши калидӣ дорад. Хусусан дар соҳаи ҳуқуқи мадани он яке аз масъалаҳои калидии илмию амалӣ ба шумор меравад. Дар ҳуқуқи маданӣ ба ҳамагон маълум аст, ки ҷавобгарӣ баъзе ҳолатҳо дар асоси гуноҳ ва баъзе ҳолатҳо бадуни мавҷуд будани гуноҳ ба вуҷуд меояд, ки яке аз хусусиятҳои мавриди назар мебошад. Муаллиф ба масъалаи мазкур диққати ҷиддӣ дода, дуруст қайд менамояд, ки “дар шароити муносибатҳои бозаргонӣ, ва инкишофи сектори хусусӣ ҷавобгарии маданӣ дар таъмини қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ аҳаммият ва мавқеи худро мустаҳкам кардааст. Бе механизми матлуби истифодаи ҷавобгарӣ рафтори дурусти иштирокчиёни муомилоти маданиро

таъмин кардан ва кафолати ҳуқуқи субъектҳои он имконнопазир аст” (с. 4).

Муаллиф мавзӯи ниҳоят мураккаб ва ҳамзамон мубрамро дар шароити имрӯза интихоб кардааст. Гарчанде дар адабиётҳои илмӣ масъалаи мазкур аз ҷониби олимони гуногун мавриди таҳлил қарор дода шуда бошад ҳам, аммо муаллиф тавонистааст, ки онро бо сабку услуби хос, аз лиҳози назари илмӣ ва мавқеи эҷодию муаллифии худ мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор диҳад.

Муаллиф натиҷаҳои илмии худро дар 9 банд ҳамчун навгонӣ барои ҳимоя манзур намудааст, ки аксари онҳо илман асоснок буда, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва рушди қонунгузории маданӣ заминаи муҳимро фароҳам меоваранд. Хусусан муаллиф дар банди 2 - таносуби гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар банди 4 - шаклҳои гуноҳ, дар банди 5 - таносуби таваккал ва гуноҳро моҳирона ва ҷолиби диққат ҳамчун навгони пешниҳод намудааст.

Ҳамзамон ҳамчун кори илмию эҷодӣ баъзе андешаҳои илмии муаллиф хонандаро ба андеша ва мулоҳизаҳо водор менамояд. Масалан, дар навгонии рақами ҳафтум чунин зикр мешавад:

“Хулоса карда шудааст, ки гуноҳи шахси ҳуқуқӣ муносибати руҳии мақомоти шахси ҳуқуқӣ, кормандони мақомоти шахси ҳуқуқӣ ва шахсони дигаре, ки шахси ҳуқуқӣ дар иҷрои уҳдадориҳо ҷалб намудааст, хилофи талаботи қонунгузорӣ ё шартнома ва оқибатҳои он буда, дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ содир гардида, боиси пайдо шудани ҷавобгарии ҳуқуқии мадании шахси ҳуқуқӣ мегардад. Барои товони зиён аз ҷониби сохторҳои оммавию ҳуқуқӣ мутобиқи қоидаҳои умумӣ

шартҳои зайл заруранд: 1. Аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ё шахсони мансабдори онҳо содир намудани амали (беамалии) ғайриқонунӣ; 2. Дар субъектони муомилоти маданӣ мавҷуд будани зиён; 3. Мавҷуд будани робитаи сабабӣ байни рафтори ғайриқонунӣ ва зиёни бамиёномада; 4. Мавҷуд будани гуноҳи шахсе, ки ба вайронкунии ҳуқуқ роҳ додааст. Ҳангоми мавҷуд набудани ҳатто яке аз ин асосҳо зиёни бамиёномада товон карда намешавад, агар дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад".

Қобили зикр аст, ки дар навгонии мазкур ибораҳои "муносибати руҳии мақомоти шахси ҳуқуқӣ" каме баҳснок мебошад. Зеро масъалаи мазкур дар низоми ҳуқуқии англо-саксонӣ агар чандон муҳим набошад, аммо дар низоми ҳуқуқии романо-олмонӣ мавриди таваҷҷӯҳи хоса мебошад. Табиатан муносибати рӯҳӣ хоси шахси воқеӣ мебошад. Мақомоти шахси ҳуқуқӣ, аниқтараш худи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун "фиксияи ҳуқуқӣ" муносибати руҳӣ дошта наметавонад. Муаллиф дар давоми матн дар бораи муносибати рӯҳии шасхони мансабдори мақомоти давлатӣ сухан менамояд, ки он мантиқан дуруст мебошад.

Муаллиф хулосаю пешниҳод ва тавсияҳои худро бо сарчашмаҳои дақиқи илмӣ бо истинод овардан ба маводи илмӣ ва қонунгузорию корҳои амалӣ асоснок намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро дар такмили қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ истифода бурдан мумкин аст. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, курсҳои тахассусмандӣ

ба донишҷӯёни факултетҳои ҳуқуқшиносии макотиби олии кишвар истифода бурда шаванд.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзӯи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 қабул гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734055, ш.**
**Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5**
**Тел: (+992 237) 234-88-02. Сайт: www.iutet.tj**
**Почтаи электронӣ: dsx_ips@mail.ru**
**Тел.: 100400879**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус ДБССТ** **Ҷураев Ш.Н.**

10.01.25с